# 2436 - Пӯшидани сар дар ҳангоми намоз

**савол**

Оё пӯшидани кулоҳ ё сарпӯш дар намоз суннат аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

يَا بَنِي آدَمَ خُذُوا زِينَتَكُمْ عِندَ كُلِّ مَسْجِدٍ

سورة الأعراف: ٣١

**«Эй фарзандони Одам, (ҳангоми ҳар намоз ва) дар ҳар масҷиде зинати худро бигиред».** *(Яъне ҳангоми намоз ва анҷоми ибодат либосҳои зебо ва покиза бипӯшед).* (Сураи Аъроф: 31).

Агар пӯшидани сар дар урфу одати мардуми он кишвар аз ҷумлаи гирифтани зинат бошад, пас дар ин ҳолат, пӯшидани сар машрӯъ аст. Агар (пӯшидани он дар урфу одати мардуми он кишвар) аз ҷумлаи гирифтани зинат набошад, дар ин ҳолат, пӯшидани он машрӯъ нест.

Аллоҳ донотар аст.